ETF Working together Learning for life

European Training Foundation

# SCAFFOLD

*«Омӯзиш ба манора монанд аст, шумо бояд онро қадам ба қадам созед»*

# КОРТҲОИ SCAFFOLD

*Ин дастури мухтасар оид ба истифодаи кортҳои Scaffold мебошад, ки шумо онҳоро дар ин қуттӣ пайдо карда метаваонед, тарҳрезӣ шудааст. Он дар якҷоягӣ бо Фонди омӯшии аврупоӣ (ETF) дар доираи ташаббуси Эҷоди омӯзиши нав (CNL) ва Маркази муштараки тадқиқотии Комиссияи Аврупо (JRC), дар заминаи фаъолияти худ оид ба салоҳиятҳои асосӣ/калидӣ бо Мудирияти генералӣ оид ба шуғл, масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарогирӣ (DG EMPL), омода карда шудааст.*

*Ин дастур ба шумо маълумоти муҳимеро медиҳад, ки барои оғози тарҳрезӣ намудани фаъолиятҳои таълимӣ заруранд - аз банақшагирӣ то баҳодиҳӣ. Кортҳои Scaffold ҳамчун «хишт» ба омӯзгорон дар эҷоди таҷрибаи омӯзишӣ мувофиқи ҳадафҳо ва ниёзҳои таълимгирандагонашон кӯмак мерасонанд, хизмат мекунанд.*

*Аз хондан ҳаловат баред ва барои озмоиши Scaffold омода шавед!*

# Scaffold чист?

Scaffold – ин маҷмӯи кортҳо барои омӯзгорон дар бахшҳои омӯзиши расмӣ ва ғайрирасмӣ мебошад, ки мехоҳанд фаъолиятҳои таълимиро, ки ба рушди салоҳиятҳои рақамӣ, соҳибкорӣ, шахсӣ, иҷтимоӣ ва малакаҳои омӯзишӣ барои азхудкунии донишу малакаҳо ва салоҳиятҳо ҷиҳати таъмини устуворӣ тарҳрезӣ кунанд. Он ба омӯзгорон дар тарҳрезии фаъолиятҳои омӯзишӣ, ки салоҳиятҳои калидии сершуморро муттаҳид мекунанд ва ба рушди онҳо барои таълимгирандагон мусоидат мекунанд, кӯмак мерасонад.

Маҷмӯи кортҳо дар доираи салоҳиятҳои аврупоӣ оид ба салоҳиятҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва худомӯзишӣ, салоҳиятҳои рақамӣ, салоҳиятҳои соҳибкорӣ ва салоҳиятҳои устувор асос ёфтаанд. Он ҳамаи доираҳои салоҳиятҳоро бо ҳамдигар ва бо ҳафт салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ), ки ҳамаи доираҳоро фаро мегиранд, мепайвандад.

Ҳадафи Scaffold аз содда намудани истифодабарии доираи салоҳиятҳои асосии Иттиҳоди Аврупо (минбаъд ИА) барои омӯзгорон – тавассути таъмини алоқамандии фаъолияти пурмазмуни таълимӣ барои таълимгирандагони худ бо донишҳои зарурӣ дар бораи он, ки ҳар як салоҳият чи натиҷа медиҳад, бо дастурҳо ва маслиҳатҳо оид ба баҳодиҳӣ, иборат мебошад.

Салоҳиятҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва салоҳиятҳои омӯзишӣ

Салоҳиятҳои соҳибкорӣ

Салоҳиятҳои рақамӣ

Салоҳиятҳои рушди устувор

Scaffold воситаест, ки пеш аз ворид шудан ба синфхона истифода мешавад, аммо он инчунин шуморо дар бораи хуб ифода намудан, гузаронидани машғулиятҳо ва фаъолиятҳои омӯзишӣ роҳнамоӣ мекунад. Он барои ҳама фанҳо мувофиқ аст ва метавонад дар ҳамаи сатҳҳои низоми маориф ё ҳамаи намуди омӯзиши ғайрирасмӣ истифода шавад. Он ба омӯзгорон кӯмак мекунад, ки доир ба фаъолияти таълимие, ки онҳо ба нақша гирифтаанд, тасвири равшане дошта бошанд.

Ҳамчунин маҷмӯи кортҳои Scaffold сайёр ва барои дар кори дастаҷамъӣ истифода бурдан, оддӣ мебошанд. Он дорои сохтори моил ҷиҳати ҳавасмандгардонии эҷодкорӣ мебошад ва метавонад мувофиқи ниёзҳои корбар густариш дода шавад.

# Таркиби маҷмӯи кортҳо

Scaffold – ин маҷмӯи 102 корт мебошад, ки ба панҷ гурӯҳ ҷудо карда шудааст. Ҳар як гурӯҳ шуморо, омӯзгор (он) – ро дар таҳияи чорабинии таълимӣ бо пешниҳоди усулҳо, роҳнамоии қадам ба қадам дар марҳилаҳои гуногуни раванди банақшагирӣ ва интихоби унсурҳои мушаххас аз китобхона, роҳнамоӣ мекунад.

Scaffold аз гурӯҳҳои зерини кортҳо иборат аст:

**1. Кортҳои танзимкунанда,** ки барои муайян кардани муҳити омӯзиш ва ҷамъоварии тамоми маълумоти зарурӣ пеш аз оғози банақшагирӣ кӯмак мерасонанд: машғулият чӣ қадар давом мекунад? Таълимгирандагон кистанд? Машғулият дорои кадом ҳадафҳо мебошад? ва ғайра.

**2. Кортҳои банақшагирӣ** барои таҳрезӣ намудани фаъолияти таълимӣ кӯмак мерасонад. Ин кортҳо рақамгузорӣ карда шудаанд ва бояд бо тартиби муайян гузошта шаванд. Онҳо ба фаъолиятҳое ишора мекунанд, ки барои сохтани чорабинӣ заруранд, аз интихоби салоҳиятҳо то ҷадвали дарсӣ.

**3. Кортҳои салоҳиятӣ,** салоҳиятҳоро дар чаҳор доираи ИА (Салоҳиятҳои рақамӣ, Салоҳиятҳои ҳаётӣ, Салоҳиятҳои соҳибкорӣ ва Салоҳиятҳои сабз) пешниҳод менамояд. Ҳар як корт дар маҷмӯи кортҳо ба салоҳиятҳои дигар бо ҳам алоқамандӣ доранд ва дорои робитаи визуалӣ бо салоҳиятҳои трансверсиалии мувофиқ мебошанд. Ҳамин тариқ, салоҳиятҳои заруриро интихоб намуда ва миёни онҳо робитаҳои нави аслӣ пайдо кардан мумкин аст. Кортҳои трансверсалии салоҳиятӣ, салоҳиятҳоеро ифода мекунанд, ки ҳамаи чаҳор доираи ИА-ро фаро мегиранд. Онҳо ба паймоиш ва ҳамоҳангсозии салоҳиятҳои доиравӣ кӯмак мекунанд.

**4. Кортҳои методҳои (усулҳои) омӯзиш** – ин китобхонаи равишҳои муосири педагогӣ мебошанд, ки метавонанд дар раванди таълим истифода шаванд. Онҳо интихоби методҳои (усулҳои) мувофиқи таълимро бо тавсияҳо оид ба чӣ гуна татбиқ намудани ин усул дар амал пешниҳод ва ташвиқ мекунанд.

**5. Кортҳои методҳои (усулҳои) баҳодиҳӣ** – ин китобхонаи методҳои (усулҳои) гуногуни баҳодиҳӣ мебошанд, ки метавонанд барои баҳодиҳии ташхисӣ, ташаккулдиҳӣ ё ҷамъбастӣ дар ибтидо, дар давоми машғулият ё баъд аз машғулият истифода шаванд.

# Кортҳои сохторӣ ва кортҳои китобхонагӣ

Ҳангоми баррасии кортҳо, баъзе кортҳо тарҳбандии уфуқӣ ва баъзеҳо амудӣ доранд. Кортҳои уфуқӣ барои банақшагирии машғулият истифода мешаванд: **Кортҳои танзимкунанда** дар аввал тасвири умумии машғулиятро муайян мекунанд ва сипас **Кортҳои банақшагирӣ** сохтореро месозанд, ки ба шумо барои банақшагирии машғулият кӯмак мекунанд.

Кортҳои амудиро метавон ҳамчун китобхонаҳое ҳисоб кард, ки аз онҳо салоҳиятҳоро барои рушд ё методҳои (усулҳои) омӯзиш ва баҳодиҳиро интихоб намуд,

ки ҳамчун як қисми фаъолияти таълимӣ истифода мешаванд. На ҳамаи онҳо метавонанд истифода шаванд, аммо онҳо маҷмӯи воситаҳое мебошанд, ки бо мақсади банақшагирӣ интихоб ва истифода шаванд.

Scaffold кортҳои зиёдеро дар бар мегирад ва дар ибтидо ин метавонад бениҳоят душвор ба назар расад. Дар хотир доштан муҳим аст, ки корбарон дар интихоби чизҳои зарурӣ озоданд, ҳангоме, ки корбарон дар истифодаи маҷмӯи кортҳо эътимоди бештар пайдо мекунанд, метавонанд мураккабии бештар ва унсурҳои гуногунро илова кунанд. Scaffold барои мусоидат ба омӯзиш дар амал тарҳрезӣ шудааст, аз ин рӯ шиносоӣ бо он ҳангоми истифода афзоиш хоҳад ефт.

# Омода бошед!

Scaffold метавонад барои тарҳрезии ҳам машғулиятҳои кӯтоҳмуддат ва ҳам фаъолиятҳои дарозмуддати таълимӣ истифода шавад. Он метавонад аз ҷониби як омӯзгор ва ё дар гурӯҳи омӯзгорон истифода шавад.

Ҳамкасбони худро ҷамъ кунед! Девор, мизи корӣ ё ягон сатҳи дигари дастрасро пайдо кунед! Якчанд ёддоштҳои часпанда, ё лента ва қалам гиред!

Акнун шумо омодаед, ки машғулияти худро ба таври визуалӣ созед!

# Скан кунед ва қадамҳоро иҷро кунед!






Тарҷумаи мазкур аз ҷониби лоиҳаи DARYA- Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

DARYA

Funded by
the European Union

THE EU AGENCY SUPPORTING COUNTRIES TO DEVELOP THROUGH LEARNING

CREATING NEW LEARNING

European Commission